### 1. Рӯйхати санҷишии ҳуҷҷатҳо

- Рӯйхати калимаҳои асосӣ
- Паёмҳои асосӣ
- Намунаҳои маҳсулот
- Варақаи TAP оид ба санҷиши маҳсулоти ёрирасон
- Роҳнамои TAP оид ба муоинаи панҷаи поҳо барои воситаҳои ёрирасон барои ҳаракат.

### 2. Рӯйхати санҷишии таҷҳизот

- Планшетҳо / компютерҳо
- Гӯшиҳо
- Дафтар ва ручка.

### 3. Имкониятҳо барои омода шудан ба муҳокимарониҳо ва машғулиятҳои гурӯҳӣ

| Мавзӯҳо бо бахшҳои интерактивӣ | | Дастурҳои пешниҳодӣ ва қайдҳои банақшагирии ментор |
|---|---|---|
| **Дарси якум: Ҳаракатнокӣ ва мушкилоти гуногуни ҳаракатнокӣ** | | |
| **Мавзӯи якум: Муқаддима** | *(Баъд аз тамошои навор Мартин аз ҷазираҳои Соломон шарҳ медиҳад, ки чӣ гуна аробачаи маъюбӣ ва болиштаки муносиб ба ӯ дар муолиҷаи бистарзахмҳо ёрӣ расонданд)*<br>**Андешаронӣ**<br>Оё шумо касеро медонед, ки як ё якчанд воситаи ёрирасон барои ҳаракатнокиро истифода мебарад?<br>Агар ҷавоб мусбат бошад, онҳо кадом воситаҳои ёрирасон барои ҳаракатнокиро истифода мебаранд? Чӣ гуна ин воситаҳо ба онҳо ёрӣ мерасонанд? Дар бораи он фикр кунед, ки оё он ба одам дар анҷом додани корҳои зерин ёрӣ мерасонад ё не:<br>• Нишастан, интиқол ёфтан, истодан, роҳ гаштан ва/ё наафтодан<br>• Дар гирду атроф ба воситаи гуногун ҳаракат кардан<br>• Идора ва пешгирӣ кардани мушкилоти саломатӣ. | |

<table>
<tr><th colspan="2">Мавзӯҳо бо бахшҳои интерактивӣ</th><th>Дастурҳои пешниҳодӣ ва қайдҳои банақшагирии ментор</th></tr>
<tr><td>Мавзӯи 3: Захмҳои панҷаи по</td><td>(Баъд аз муаррифӣ намудани мавзӯъ дар бораи захмҳои панҷаи по)<br>Муҳокимаронӣ<br>Тахмин карда мешавад, ки дар рӯи кӯраи замин дар давоми ҳар як 30 сония ба сабаби захми диабетикии панҷаи по андоми поёнии касе қатъ карда мешавад.<br>• Оё шумо касеро медонед, ки ба захми панҷаи по гирифтор шуда бошад?<br>• Оё шумо медонед, ки он чӣ гуна шурӯъ шуд?<br>• Беморӣ чӣ гуна идора карда мешуд?<br>• Оё он сиҳат шуд ё ба оризаҳои бештар оварда расонд?</td><td></td></tr>
</table>

| Мавзӯҳо бо бахшҳои интеракативӣ | | Дастурҳои пешниҳодӣ ва қайдҳои банақшагирии ментор |
| --- | --- | --- |
| | *(Дар охири мавзӯи 3, ки мавзӯи охирини дарс ба шумор меравад)*<br>**Маҳфили муҳокимаронҳо**<br>Худро шинос кунед ва гӯед, ки шумо аз куҷо ҳастед.<br>Дар бораи он, ки оё худи шумо маҳсулоти ёрирасонро истифода мебаред ё не ва/ё чаро шумо ин модулро гузашта истодаед, суҳбат кунед. | Менторҳо бояд барои донишомӯзон возеҳу равшан кунанд, ки оё онҳо бояд аз маҳфили муҳокимаронҳои платформаи TAP ё чат (масалан, гурӯҳи маҳаллии Вотсап) истифода баранд ё не. |
| **Дарси сеюм: Чӣ гуна санҷиши воситаҳои ёрирасон барои ҳаракатнокӣ бояд гузаронида шавад** | | |
| **Мавзӯи якум: Санҷиши оддии хавф ба ҳаракатнокӣ ва саломатӣ** | *(Баъд аз маълумот дар бораи арзёбии он, ки оё одам яку якбора ҳарактнокии худро аз даст додааст ё не)*<br>**Андешаронӣ**<br>Оё шахси ба худатон шиносеро ба ёд оварда метавонед, ки яку якбора бемор шуда, ҳаракатнокии худро аз даст додааст?<br>Оё ӯ мушкили саломатӣ дошт (бемор буд)? | |
| **Мавзӯи дуюм: Санҷиши панҷаи по** *ва*<br>**Мавзӯи сеюм: Саволҳои оддии санҷишӣ барои тавсия додани воситаҳои ёрирасон барои ҳаракатнокӣ** | *(Дар ҷараёни гузаштани ин ду мавзӯъ аз донишомӯзон дархост карда мешавад, ки ҷанбаҳои санҷиши панҷаи поҳоро амалия кунанд).* | Менторҳо бояд боварӣ ҳосил намоянд, ки донишомӯзон ҳадди ақал ду нусхаи варақаи санҷиши ҳаракатнокиро дошта бошанд ва қисматҳои санҷиши панҷаи поро амалия кунанд. |

| | | |
|---|---|---|
| **Мавзӯи чорум: Нақша** | *(Дар оғози ин мавзӯъ)*<br>**Савол**<br>Агар шумо ин маҳсулот (воситаҳои ёрирасон барои роҳгардӣ, пандуси интиқолшаванда, дастқапакҳо дар хона, тахтаи интиқол)-ро надошта бошед, чӣ кор карда метавонед?<br>**Барои дидани ҷавоб ин ҷоро зер кунед**<br>• Қайдҳо оид ба эҳтиёҷ ба маҳсулоти гуногунро нигоҳ доред ва бо роҳбари худ муҳокима кунед<br>• Муайян кунед, ки оё дигар хадамотҳое, ки метавонанд ин маҳсулотро таъмин кунанд, вуҷуд доранд ё не<br>• Бо одам дар бораи он, ки оё ӯ ин маҳсулотро ба даст оварда метавонад ё не, суҳбат кунед<br>• Маълум кунед, ки оё корхонаҳои истеҳсоли аробачаи маъюбӣ/протезҳо/дастгоҳҳои ортопедӣ ягон навъе аз ин маҳсулотҳоро истеҳсол карда метавонанд ё не. | |
| **Мавзӯи чорум: Нақша** | *(Баъд аз фаҳмондани он, ки баъзе одамон мумкин аст ба хизматрасонии махсус бештар эҳтиёҷ дошта бошанд ва бинобар ин бояд бозравонӣ карда шаванд)*<br>**Андешаронӣ**<br>Кадом хадамотҳое вуҷуд доранд, ки шумо метавонед одамонро ба онҳо бозравонӣ кунед?<br>Дар бораи он, ки агар одам ба инҳо эҳтиёҷ дошта бошад, шумо ӯро ба назди кӣ ва ё кадом хадамот бозравонӣ мекунед:<br>• Ёрии тиббӣ<br>• Муоличаи захмҳо<br>• Тавонбахшӣ – барои калонсолон<br>• Тавонбахшӣ – барои кӯдакон<br>• Муоличаи диабети қанд<br>• Дармонгоҳи муоличаи захми панчаи по<br>• Аробачаи маъюбӣ<br>• Таъмири протез<br>• Арзёбӣ барои тавсияи протез.<br>Оё ин хадамот тайёр ва дастрас ҳастанд? Оё шумо медонед, ки чӣ гуна одамро ба ин хадамотҳо бозравонӣ кунед? | Ин барои менторҳо имконияти хуби равшанӣ андохтан ба роҳҳо ва равандҳои бозравонӣ дар шароити маҳал ба шумор меравад. Дар бораи он, ки онҳо бояд ба кадом хадамот бозравонӣ кунанд, мушаххас суҳбат кунед. Маводи тақсимотӣ, ки созмонҳои бозравонкунандаро дар бар мегирад, хеле муфид хоҳад буд. |
| **Мавзӯи чорум: Омӯзонед** | *(Баъд аз муаррифӣ кардани маълумот дар бораи кафшҳои муносиб)*<br>**Муҳокимаронӣ**<br>Дар бораи хусусиятҳои кафшҳои намунавӣ фикр кунед. Оё шумо фикр мекунед, ки кафшҳои шумо «муносиб» ҳастанд?<br>Дар бораи одамони дигари ҷомеаи худ ва кафшҳое, ки онҳо мепӯшанд, фикр кунед. Оё онҳо кафшҳои муносибанд? | |

**Баъд аз итмоми ин модул донишомӯзон бояд тавассути ин қадамҳо санҷиши ҳарактнокиро амалия кунанд:**

1. Иҷрои бозии нақш бо ҳамкорон.

2. Амалия бо муроҷиаткунандагон.

Менторҳо метавонанд аз рӯйхати санҷишии маҳоратҳо барои мониторинг ва муҳокимаронӣ кардани пешрафти донишомӯзон дар самти ба даст овардани салоҳиятнокӣ (амалияи бехатар ва самарабахш) истифода кунанд.